**№6901/11.1-д аз 11.04.2024**

Мақомоти ҳудудии андоз

Оид ба мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2024, №2046

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи дурусти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2024, №2046 “Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” (минбаъд –Қонун), мактуби дастурии мазкурро барои истифодаи хизматӣ ирсол менамояд.

Қонун пас аз нашри расмӣ (нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” санаи 1 апрели соли 2024, (№59)) аз санаи 1 апрели соли 2024 мавриди амал қарор дода шуд.

Тибқи муқаррароти Қонун “Андоз аз арзиши иловашуда барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истисноi воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридоти гандум, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла макарони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин фурӯши равғани растанӣ барои корхонаҳои коркарди равған бо меъёри 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 7 дарсад муқаррар карда шудааст. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ) барои фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин барои коркарди равғани растанӣ ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) 7 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегарданд”.

Ба ҳамин тариқ, муқаррароти мазкур танҳо нисбат ба корхонаҳои коркарди гандум (ба истисноии воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридоти гандум, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла макарони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин нисбат ба корхонаҳои коркарди равған ҳангоми фурӯши равғани растании аз зироатҳои равғандиҳанда ва бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) истеҳсолнамудаи худи онҳо татбиқ карда мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби корхонаҳои коркарди равған ворид намудани равғани растанӣ ва таҳвили он андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) бо меъёри стандартӣ - 14 фоиз ва дар сурати аз зироатҳои равғандиҳанда истеҳсол ва таҳвили равғани растанӣ ААИ бо меъёри 10 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Мутобиқ ба муқаррароти моддаи 90 Кодекси андоз вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ корхонаҳои коркарди равған уҳдадор мебошанд, ки баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз рӯи шартҳо ва низомҳои андоз анҷом диҳанд.

Мисол 1. Корхонаи коркарди равған ҶДММ “А” дар давоми моҳи апрели соли 2024 ба андозаи 10 ҳазор тонна равғани растании тайёр, инчунин барои истеҳсоли равған 5 ҳазор тонна офтобпарастро аз хориҷи кишвар ворид менамояд. Дар ҳамин моҳ ҷамъият равған ворид намудашро, инчунин пас аз коркарди офтобпараст маҳсулоти аз он тайёршуда, яъне равғани растанӣ ва бақияи коркардро (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) мефурӯшад. Дар ин маврид ҶДММ “А” уҳдадор аст, ки тибқи талаботи қисми 11 моддаи 266 Кодекси андоз аз ҳисоби фуруши равғани тайёри вориднамудаи худ ААИ-ро бо меъёри 14 фоиз ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намояд.

Аз ҳисоби таҳвили равғани аз офтобпараст истеҳсолшуда бошад ААИ-ро бо меъёри 10 фоиз ва аз фурӯши бақияи коркарди офтобпараст (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) ААИ-ро бо меъёри 7 фоиз ҳисоб ва пардохт намояд. ҶДММ “А” вобаста ба амалиёти мазкур баҳисобгирии ААИ-ро, ки ҳангоми хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ) барои коркарди равғани растанӣ ва фурӯши он пардохт намудааст, наметавонад барои равған аз 10 фоиз ва барои фурӯши бақияи коркарди офтобпараст (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) аз 7 фоиз зиёд анҷом диҳад.

Тартиби аз рӯи ҳиссаҳо ба ҳисоб гирифтани ААИ аз хариди офтобпараст, ки дар натиҷаи коркарди он равған ва бақияи коркарди офтобпараст (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) истеҳсол карда шудааст, ки андозбанди ААИ мутаносибан бо меъёрҳои 10 фоиз ва 7 фоиз андозбандӣ карда мешаванд, дар мисоли 2 мушаххас шарҳ дода мешавад.

Мисол 2. Корхонаи коркарди равған ҶДММ “А” дар давраи ҳисоботии моҳи апрели соли 2024 барои истеҳсоли равған молҳои зеринро харидорӣ намуд, ки тибқи талаботи Қонун баҳисобгирии ААИ ҳангоми хариди ашё, маҳсулот ва дигар хизматрасониҳо пардохтшуда бо фоизҳо чунин сурат мегирад:

Ҷадвали 1. Пардохти ААИ ҳангоми харид ва меъёри фоизи барориш (бо сомонӣ)

| Номгӯйи молҳо, корҳо хизматрасониҳои харидоришуда | Арзиш ва ААИ-и ашё ва дигар хизматрасониҳо | | | Фоизнокии истеҳсоли равган ва дигар маҳсулот аз коркарди ашё | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Арзиш бе ААИ | Меъёр и ААИ | Маблағи ААИ | равған (бо фоиз) | Дигар маҳсулот (бо фоиз) |
| Офтобпараст воридот аз хориҷи кишвар (60 тн) | 120000 | Воридот барои коркард аз ААИ озод (ҚҲҶТ №327 аз 26.06.2019) | | 50 | 50 |
| Офтобпарасти аз дохили кишвар харидшуда (50 тн.) | 100000 | 14 | 14000 | 50 | 50 |
| Зағир (10 тн.) | 40000 | 14 | 5600 | 35 | 65 |
| Чигити пахта (20 тн.) | 60000 | 14 | 8400 | 20 | 80 |
| Қувваи барқ | 20000 | 14 | 2800 | -- | -- |
| Дигар молу махсулот, кор ва хизматрасонӣ | 80000 | 14 | 11200 | -- | -- |
| ҲАМАГӢ | 420000 | | 42000 | | |

Аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвали 1 оварда шуда таҳлил гузаронида барои давраи ҳисоботӣ бо назардошти он, ки ҳамаи ин ашё, мол, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ бо мақсади истеҳсоли равған ва маҳсулоти дигар аз он хароҷот шудааст, тибқи талаботи Кодекси андоз ва Қонун бо назардошти фоизҳо бо сомонӣ ААИ чунин баҳисоб гирифта мешавад:

- нисбат ба офтобпарасти аз хориҷи кишвар ворид карда шуда бинобар ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пардохт нашудани ААИ дар ин амалиёт баҳисобгирии ААИ иҷозат дода намешавад;

- барои харидорӣ кардани офтобпараст аз дохили кишвар ба миқдори 50 тн. ва (бе ААИ) ба маблағи 100000 сомонӣ, ки ААИ тавассути фурӯшанда бо меъёри 14% ба маблағи 14000 сомонӣ пардохт шудааст. Дар ин ҳолат баҳисобгирии ААИ барои истеҳсоли равған бо меъёри 10% аз рӯи формулаи (АМКХ*ФИР*ФААИР) ҳисоб карда мешавад, ки дар ин ҷо: АМКХ- арзиши мол, кор хизматрасонӣ; ФИР- фоизи истеҳсоли равған ва ФААИР(Б) фоизи ААИ барои равған (ё бақияи коркарди ашё (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво)) мебошад. Пас, маблағи ААИ баҳисобгирӣ барои ҳиссаи истеҳсоли равған (50%) аз рӯи формула 100000*50%*10% баробар 5000 сомонӣ мешавад. Баҳисобгирии ААИ барои бақияи коркарди офтобпараст (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 7% айнан ҳамин тавр бо формулаи 100000*50/100*7/100 ба маблағи 3500 сомонӣ ҳисоб карда мешавад. Яъне аз 14000 сомонӣ ААИ ҳангоми хариди офтобпараст пардохтшуда, баҳисобгирии ААИ ҳамагӣ (5000+3500) 8500 сомонӣ буда, боқимонда (14000-8500) 5500 сомонии он ба арзиши аслии маҳсулот зам карда мешавад;

- барои хариди зағир аз дохили кишвар ба миқдори 10 тн. ба маблағи (бе ААИ) 40000 сомонӣ, ки ААИ тавассути фурӯшанда бо меъёри 14% ба маблағи 5600 сомонӣ пардохт шудааст. Дар ин ҳолат, барои ҳиссаи истеҳсоли равған (35%) баҳисобгирии ААИ бо меъёри 10% аз рӯи формулаи (АМКХ*ФИР*ФААИР) ба маблағи 40000*35%*10% баробар 1400 сомонӣ мешавад. Барои бақияи коркарди зағир (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво), ки 65 фоизи ҳиссаро ташкил медиҳад, баҳисобгирии ААИ бо меъёри 7% айнан ҳамин тавр бо формулаи 40000*65/100*7/100 ба маблағи 1820 сомонӣ ҳисоб карда мешавад. Яъне аз 5600 сомонӣ ААИ ҳангоми хариди зағир пардохтшуда, (1400+1820) 3220 сомонии он ба ҳисоб гирифташуда, боқимонда (5600-3220) 2380 сомонӣ ААИ ба арзиши аслии маҳсулот зам карда мешавад;

- бо ҳамин тартиб барои чигит бо фоизнокии 20 ба 80, инчунин барои кувваи барқ ва дигар молу маҳсулот бо фоизнокии 50 ба 50 ҳисоб карда мешавад.

Дар маҷӯъ барои мисоли 2 маблағҳои ба ҳисоб гирифташавандаи ААИ бо меъёрҳои 10 ва 7 фоиз ҳамаги 24780 сомонӣ, инчунин маблағи ААИ, ки бояд ба арзиши аслии маҳсулот зам карда шаванд ба маблағи 17220 сомонӣ дар шакли ҷадвали 2 –и зерин оварда шудаанд:

Ҷадвали 2. Маблағи ААИ ба ҳисобгирифташаванда пас аз коркард дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 (бо сомони)

| Номгӯйи молҳо, корҳо хизматрасониҳои харидоришуда | Арзиши молҳои харидоришуда | Маблағи ААИ бо меъёри 14 фоиз пардохтшуда | Маблағи ААИ ба ҳисобгирифта шаванда | | | Фарқияти ААИ, ки ба арзиши аслии маҳсулот замшаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | бо меъёри 10 фоиза | бо меъёри 7 фоиза | Хамагӣ | |
| Офтобпараст воридот аз хоричи кишвар (60 тн) | 120000 | озод | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Офтобпараст харид аз дохили кишвар (50 тн.) | 100000 | 14000 | 5000 | 3500 | 8500 | 5500 |
| Зағир (10 тн.) | 40000 | 5600 | 1400 | 1820 | 3220 | 2380 |
| Чигити пахта (20 тн.) | 60000 | 8400 | 1200 | 3360 | 4560 | 3840 |
| Қувваи барқ | 20000 | 2800 | 1000 | 700 | 1700 | 1100 |
| Дигар молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ | 80000 | 11200 | 4000 | 2800 | 6800 | 4400 |
| ҲАМАГӢ | 520000 | 42000 | 12600 | 12180 | 24780 | 17220 |

Дар ин давраи ҳисоботӣ бо назардошти он, ки ҳамаи ашё, мол, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ бо мақсади истеҳсоли равған хароҷот карда шуда, аз он равған ва маҳсулоти боқимондаи он (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) истеҳсол гардида, дар ҳамин давраи ҳисоботӣ таҳвил шудааст пас, дар ин ҳолат тибқи талаботи Кодекси андоз ва Қонун ААИ

барои равған бо меъёри 10% ва барои маҳсулоти дигар (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) истеҳсолшуда бо меъёри 7% ҳисоб карда мешаванд.

Ҷамъият дар давраи ҳисоботӣ аз фурӯши ин молу маҳсулоти истеҳсолшуда бе назардошти ААИ ба маблағи 566500 сомонӣ даромад гирифтааст, аз ҷумла аз фурӯши равғани офтобпараст (55 тн.*6000 сомонӣ) 330000 сомонӣ, равғани зағир (3,5 тн.*8000) 28000 сомонӣ ва равғани пахта (4 тн.*6500) 26000 сомонӣ, инчунин маҳсулоти дигар (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) (73 тн.*2500) 182500 сомонӣ.

Аз даромади мазкур ААИ ба маблағи 51175 сомонӣ ҳисоб карда мешавад, аз ҷумла барои фурӯши равған бо меъёри 10% ба маблағи (384000*10%) 38400 сомонӣ ва барои фурӯши маҳсулоти дигар (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёрӣ 7% ба маблағи (182500*7%) 12775 сомонӣ. Маблағи ба буҷет пардохтшавандаи ААИ бо назардошти маблағи ААИ ба ҳисоб гирифташаванда (24780 сомонӣ) барои моҳи апрели соли 2024 (51175-24780) 26395 сомониро ташкил медиҳад, ки он бояд дар эъломияи ААИ дар ин давра нишон дода шуда, ба буҷети давлатӣ дар мӯҳлати дар қонунгузорӣ муайяншуда, пардохт карда шавад.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки субъектҳои соҳибкориро аз мӯҳтавои мактуби дастурии мазкур огоҳ намуда, назорати иҷрои қонунгузории андозро таъмин намоянд.

Замима дар ҳаҷми ____ варақ.

Муовини якуми Раис А.Солеҳзода